Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат**

Татбиқи ислоҳот дар иқтисодиёт бештар ба он вобаста аст, ки дигаргунсозиҳо дар ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ чӣ гуна сурат мегиранд. Мусаллам аст, ки эҷоду татбиқи ҳама гуна навовариҳо ба омили инсонӣ, ба хусус сармояи инсонӣ рабт дорад.

Дар шароити муосир ташаккул ва такмили сармояи инсонӣ хеле муҳим аст, зеро қувваи таконбахшандаи рушди иқтисодиёт аз он вобастагии зиёд дорад.

Ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда ва рафъи тамоюлҳои номатлуб тавассути рушди инноватсионии корхонаҳо имконпазир аст, ки татбиқи онҳо ҷойгиркунии кадрҳои дахлдорро тақозо мекунад. Тазоди мавҷудаи байни зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо, махсусан дар доираи рушди инноватсионӣ ва набудани сармояи инсонии мувофиқ аз аҳамияти илмиву назариявӣ барои идоракунии самараноки корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Дар автореферат аз нигоҳи илмӣ нуқтаи назари муаллифӣ хеле хуб ироа гардидааст: сармояи инсонӣ маҷмӯаи аз унсурҳои дар заминаи сармоягузорӣ ба сатҳи маълумотнокӣ, тандурустӣ, фарҳанг, таҳаммулпазирӣ ва ҳаракатпазирии афрод ташаккулёфтае мебошад, ки инкишофи тавонмандии инноватсионии онҳоро густариш дода боздеҳии сармоягузориҳои анҷомшударо таъмин менамоянд.

Омузиши ҳаматарафаи автореферати тақризшаванда нишон медиҳад, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот равшан ифода ёфтаанд, ки ин ба муаллиф имкон дод, то тамоюли асосии ташаккул ва такмили механизми рушди сармояи инсониро дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок намояд.

Дар баробари бартариятҳо ва дастовардҳои назаррас дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Ба андешаи муаллиф махсусгардонии тахассуси сармояи инсонӣ барои фаъолияти муваффақонаи он кофӣ нест: бояд он аз тавонмандии

инноватсионӣ низ бархурдор бошад, ки афзалияти рақобатии худро таъмин карда тавонад. Фикри муаллиф нофаҳмост.

2. Дар автореферат ҳангоми пешниҳоди маводҳо пайдарпайии мантиқӣ ба таври кофӣ риоя нашудааст.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд.

Сохтори автореферат ва интишороти довталаб пурра ба талабот ҷавобгӯ мебошанд. Мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзӯи интихобшуда нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзӯи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ба ҳамаи талаботи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н.А.